# ХУЛОСАИ КОМИСССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-010 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Олимова Шафоат Эргашбоевна дар мавзуи «Синтез ва модификатсияи кислотаҳои холан бо эфирҳои аминокислотаҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 - Химияи органикӣ

Диссертатсияи Олимова Шафоат Эргашбоевна ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими химияи органикӣ стероидҳо ва ҳосилаҳои кислотаҳои эфирҳои аминокислотаҳо бахшида шудааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба масъалаҳои омӯзиши таркиби химиявии пайвастаҳои циклофенантрении ва синтез дар асоси онҳо омӯхта шудааст. Давталаб тавонистааст 32 моддаҳоро бори аввал бо истифодаи ҳосилаҳои кислотаи холан ҳосил кунад. Омӯзиш ва таҳлили натиҷаҳои илмӣ дар самти ба даст овардани пайвастаҳои нав дар асоси стероидҳо ва аминокислотаҳо мавҷуд нест. Маълумот оид ба синтези ҳосилаҳои синфи дорои боқимондаи баъзе эфирҳои аминокислотаҳои қатори алифатӣ ва ароматӣ ҳам мавҷуд нест. Илова бар ин, кори диссертатсионӣ ҷиҳати омӯзиши манбаъҳои табиии ватанӣ ва истифодаи амалии онҳо дар хоҷагии халқ ба сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг мебошад. Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ҷиҳати дифоъ дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-010 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Мавзуъ ва мазмуни кори диссертатсионии Олимова Шафоат Эргашбоевна бо шиносномаи ихтисоси 02.00.03 - Химияи органикӣ, ки дар бюллетени Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 3-4 (15 - 16) 2020 нашр гаштааст, ба бандҳои зерин мувофиқат мекунад:

- ҷудо ва тоза намудани пайвастаҳои нав;
- инкишофи назарияи сохти химиявии пайвастаҳои органикӣ;
- созмондиҳии методҳои нави муайянкунии сохтори молекулаҳо;
- ошкор кардани қонуниятҳои навъи «сохтор - хосият».

Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки ба сифати объекти таҳқиқот растании шифобахш ва моддаҳои органикии дар таркиби он мавҷуда интихоб шудаанд. Омӯзиши муфассали растаниҳои шифобахш, истифодаи амалии онҳо дар соҳаҳои гуногун, ба хусус дар тиб ва дорусозӣ, яке аз самтҳои афзалиятноки илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Муқаррароти асосии кори диссертатсия дар ҳаҷми 15 мақолаи илмӣ ва фишурдаҳо, 3-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

нашр шудаанд ва 9 фишурда дар маҷмуаи маърузаҳои конференсияҳои Байналмилалӣ ва Ҷумҳуриявӣ, 3 нахуспатенти ҶТ.

Таҳқиқоти диссертатсия аз 151 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, аз муқаддима ва 4 боб, шарҳи адабиёт, қисми таҷрибавӣ, шарҳи натиҷаҳои таҷрибавӣ, хулосаҳои асосии кор, шумораи манбаъҳои истифодашуда, ки 170 номгӯйро дар бар мегирад, иборат аст. Диссертатсия аз 25 расм, 19-нақшаи реаксия ва 6 ҷадвалро дар бар мегирад. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд. Автореферати кор фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи илмӣ ва робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмиро шахр додааст.

Дар қисмати тасnифи умумии таҳқиқот, ки иборат аз мақсад, вазифа, объект, мавзу, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва илмию амалӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии муаллиф, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи кор, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Дар боби аввали диссертатсия муаллиф дар бораи хосиятҳои химияи кислотаҳои холан, хусусиятҳои онҳо, мавҷудияти гурӯҳҳои функсионалии гуногун дар сохтори стероидҳо, тавсифи мухтасари таҳлили резонанси магнитии ядроӣ, муайян намудани қобилиятҳои зиддибактериявии моддаҳои бори аввал синтезшуда ва ҳисобҳои оморию усулҳои муайян намудани эътимоднокии натиҷаҳои таҷрибавӣ маълумот оварда шудааст.

Боби дуюми диссертатсия ба усулҳои таҳқиқот ва пайвастаҳои нави синтезнамуда бахшида шудааст.

Боби сеюми диссертатсия ба муайян намудани таркиби химиявии моддаҳои ҳосилшуда, механизми реаксияҳои химиявӣ ва дараҷаи тозагии моддаҳои синтезнамуда маълумоти пурра пешниҳод шудааст.

Дар боби чаҳоруми диссертатсия ахбороти муфассал дар бораи хосиятҳои фаъоли биологӣ, натиҷаҳои таҳқикоти фаъолияти антиоксидантӣ, зиддибактериявӣ овардашудаанд. Дар охири диссертатсия хулосаҳо, маълумотҳои асосии илмӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дарҷ ёфтаанд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст. Нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсия мебошанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо ва маълумотҳои бадастомада бо усулҳои замонавии физику-химиявии таҳқиқот, коркарди статикии натиҷаҳои таҷрибавӣ таъмин ва асоснок карда шудаанд. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳо 38 номгӯйи пайвастаҳо ҳосил шудаанд, ки 32-тои онҳоро моддаҳои нав синтезшуда мебошанд. Тозагии моддаҳо бо усули хроматографияи маҳинқабат ва дар асбоби хроматографии «Хром-5» (истеҳсоли Чехия) санҷида шудааст. Миқдори карбон, гидроген, оксиген ва нитроген дар асбоби «vario» Micro cube муайян шудаанд. Хлор бо усули гудохта таъин гашт. Спектрҳои ИС-и пайвастаҳои синтезкардашуда дар соҳаҳои 400-4000 $см^{-1}$ дар асбоби «Specord IR-75» ва спектрометрии «Shimadzu» ба намуди суспензия дар вазелин ва ҳаб (таблетка) бо KBr омӯхта шуданд. Таркиб ва сохти пайвастаҳои синтезкардашуда бо спектрҳои масс., (дар асбоби www. Chromatec. ru 5000. 2) ва РМЯ (дар асбоби «Bruker AM - 500 Мгс, маҳлул дар ампулаи 50 мм, ампулҳои Norell-508-UP ва Norell-S-5-500») тасдиқ карда шуданд. Таҳлили биохимиявиро дар дастгохи Stat-KXx1904, Biohem, анализатори гематологии micros-20+, хроматографӣ навъи «Хром-5», ки бо детектори шӯълагӣ-ионизатсионӣ муҷаҳҳаз аст, гузаронида шуд.

Ҳамаи натиҷаҳои бадастомадаи унвонҷӯ бо истифодаи усулҳои нави оморӣ ва барномаҳои компютерӣ таҳлил шудаанд. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтааст. Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Олимова Шафоат Эргашбоевна дар мавзуи «Синтез ва модификатсияи кислотаҳои холан бо эфирҳои аминокислотаҳо» барои дарёфти дараҷаи ноизади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 - Химияи органикӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Олимова Шафоат Эргашбоевна дар мавзуи «Синтез ва модификатсияи кислотаҳои холан бо эфирҳои аминокислотаҳо» барои дарёфти дарачаи номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 - Химияи органикӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Олимова Шафоат Эргашбоевна дар мавзуи «Синтез ва модификатсияи кислотаҳои холан бо эфирҳои аминокислотаҳо» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 - Химияи органикӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 02.00.03-Химияи органикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамоед:

- Пулатов Элмурод Холикулович -доктори илмҳои химия, сарходими илмии лабораторияи «Синтези органикӣ»-и Институти химияи ба номи В.И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- Акбарова Мунира Мухидиновна - номзади илмҳои химия, дотсент, декани факултети илмҳои дақиқ филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** - муассисаи давлатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур тавсия дода шавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.
5. Барой чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия экспертӣ:**
доктори илмҳои химия Раҳмонов Р.О.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои химия, профессор Бандаев С.Г.

номзади илмҳои химия Шаропов Ф.С.

«11» 10 соли 2025.